Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ВБД: 339.543 (575.3)
ТКБ: 65.304.15
Ш.87

Бо ҳуқуқи дастнавис



ҶУРАЕВ ШОҲРУХ НЕЪМАТОВИЧ

МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

АВТОРЕФЕРАТ

барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2 - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Душанбе -2026

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ	**Валиев Низомиддин Шаробудинович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Муқарризони расмӣ	**Досиев Маҳмадшоҳ Назарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
	Саидзода Қурбоналӣ Саид - доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Муассисаи пешбар	**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар” ба номи Носири Хусрав**

Ҳимояи диссертатсия санаи 15 декабри соли 2026 соати 10^{00} дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, баргузор мегардад.

Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Почтаи электронӣ: info@iutet.tj.

Телефони котиби илмӣ: (+992) 907755655

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва сайти расмии он (https://www.iutet.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» _____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент **Исмоилов А.А.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити таҳаввулоти зудтағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳони муосир вобастагии байни кишварҳо ва рушди рақобати байналмилалӣ рӯ ба афзоиш буда, сиёсати давлатӣ дар самти рушди соҳибкорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб намудааст. Дар чунин шароит таъмини устувории иқтисоди миллӣ бидуни истифодаи воситаҳои муассири дастгирии давлатии соҳаҳои гуногун ғайриимкон аст. Бинобар ин, яке аз механизмҳои муҳими таъсиррасонӣ дар соҳаи соҳибкорӣ имтиёзҳои гумрукӣ ба ҳисоб рафта, ба коҳиш ёфтани хароҷоти фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ин раванд ба зиёдшавии ҳаҷми содирот, афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт таъсири муассир боқӣ гузошта, дар натиҷа заминаи моддию техникии истеҳсолот мукаммал гардонида мешавад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ташаккул бо имкониятҳои васеи рушди соҳибкорӣ арзёбӣ гардида, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун омилҳои муҳими такмилдиҳандаи воситаҳои танзими давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд, зеро онҳо ба ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Чуноне, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид мегардад: «...соҳибкорони кишвар дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ саҳми назаррас мегузоранд ва Ҳукумати кишвар вазифадор аст тадбирҳои иловагиро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таъмини иҷрои кафолатҳо ва имтиёзҳо, дастгирии давлатии соҳибкорон ва рушди инфрасохтори сармоягузорӣ амалӣ намояд» [11]. Маҳз ҳамин мавқеъ зарурати такмили минбаъдаи сиёсати гумрукӣ ва истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун воситаи муҳими рушди иқтисодӣ тақвият медиҳад.

Ҳамчунин, дар Паёми Президенти кишвар зарурати такмили минбаъдаи инфрасохтори сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳамчун воситаи калидии ноил шудан ба натиҷаҳои пешрафтаи иқтисодӣ таъкид мегардад [11]. Дар шароити кунунӣ, баландбардории самаранокии механизми имтиёзҳои гумрукӣ ва мутобиқсозии он ба омилҳои дохилию хориҷии иқтисодӣ, ҳамгироии он бо дигар воситаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷиҳати илмию амалӣ муҳимияти мавзуи мазкурро тақвият мебахшанд.

Дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба фароҳам овардани шароит барои коҳиш додани монеаҳо ҳангоми татбиқи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, осон гардонидани дастрасӣ ба технологияҳо ва таҷҳизоти муосир равона шудааст. Ҳамин тариқ, аҳаммияти таҳқиқот на танҳо бо вазифаҳои стратегии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо зарурати объективии асосноккунии илмии механизмҳои такмили имтиёзҳои гумрукӣ ба манфиати рушди устувори соҳибкорӣ пайванди амиқ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Имтиёзҳои гумрукӣ ҷанбаи муҳими фаъолияти иқтисодии беруниро ифода намуда, метавонанд ба иқтисодиёти кишвар таъсири назаррас боқӣ гузоранд. Масаълаҳои ташаккул ва идоракунии сиёсати гумрукӣ аз тарафи олимон-иқтисоддонони классик, Друкер П.В., Смит А. Хизрич Р., Самуэлсон П., Шумпетер Й. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккулёбӣ ва рушди низомҳои гумрукӣ ва истифодаи онҳо дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди: Абдуқодирзода Ҷ.К., Азамат А., Алиев М.Б., Ғаниев Т.Б., Ғаюрова Р.С., Каримова М.Т., Ҳикматов С.И., Нидоев Н.Ф., Нидоев П.Ф., Рахматзода Р., Раҷабов Р.К., Саидмуродов Л.Х., Самиев Ф.Б., Хоҷаев П.Д., Ҷаборов А.И., Шоҳназари Х.Ғ. ва дигарон таҳқиқ карда шуданд.

Дар баробари ин баъзе масъалаҳои ҳифзи соҳибкории ватанӣ дар шароити савдои озод тавассути истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ дар корҳои олимони ватанӣ, Асрорзода А.С., Валиев Н.Ш., Қодирзода Д.Б., Сафоев А.К., Фақеров Ҳ.Н., Ҷумаев Б.М., Шаропов Ф.Р. мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Доир ба назария ва амалияи самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи олимони Россия ва кишварҳои ИДМ, ба монанди Агамагомедова С.А., Андрейчук Е.Л., Артемев А.А., Артемев А.А., Барамзин С.В., Беляев М.Г., Блинов Н.М., Гончаренко Л.И., Гречкина О.В., Завялова Е.О., Комиссаров Н.А., Макрусев В.В., Мигел А.А., Орлова Е.Н., Синенко О.А., Стрелсов И.А., Тарасов И.Т., Халипов С.В. ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, сарфи назар аз саҳми назарраси муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар омӯзиши механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва воситаҳои гумрукӣ, дарки илмии фарогир ва низомноки имтиёзҳои гумрукӣ ва нақши онҳо дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ маҳз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври нокифоя таҳқиқ гардида, ба омӯзиши амиқу дақиқи илмӣ ниёз дорад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуҳои илмӣ. Таҳқиқот бо ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самтҳои сиёсати давлатии иқтисодӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва такмили танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла татбиқи имтиёзҳои гумрукиро муайян менамоянд, зич алоқаманд мебошад. Аввалан, ҳамчун заминаи самти стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст, ки афзалиятҳои сиёсати давлатиро дар самти беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузориҳо ва муосиркунии иқтисодиёт муайян мекунад. Дар баробари ин, мавзуи таҳқиқот ба татбиқи як қатор санадҳои муҳими барномавии соҳаи соҳибкорӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 апрели соли 2021, № 169), инчунин Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, № 50) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия ба самти илмии кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, вобаста ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, такмили фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисоди соҳавӣ мутобиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот мазмун ва хусусиятҳои асосии диссертатсияро инъикос намуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаи иттилоотӣ, навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, сатҳи эътимоднокӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, интишори натиҷаҳои илмӣ, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ - таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар асоси мақсади таҳқиқот, вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян намудани моҳияти назариявӣ ва мазмуни иқтисодии имтиёзҳои гумрукӣ, таҳқиқи шаклҳо ва намудҳои асосии онҳо, таҳияи таснифи мукаммал ва муайян намудани аҳаммияти онҳо ҳамчун воситаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва омили мусоидаткунанда ба рушди соҳибкорӣ;
- таҳлили таҷрибаи пешқадаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ ва истифодаи самараноки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асоснок намудани амсилаи баланд бардоштани самаранокии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ;
- коркарди Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030.

Объекти таҳқиқот. Низоми имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ.

Предмети таҳқиқот. Муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилии бавуҷудоянда дар раванди пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Татбиқи механизми ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва ташкилӣ, ки мутаносибкунии расмиёти пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, беҳтар намудани ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон, инчунин рушди низоми мониторинг ва арзёбии самаранокии истифодаи имтиёзҳоро дар бар мегирад, боиси баланд шудани рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ва ҳавасмандгардонии рушди онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мегардад. Инчунин, равиши низомнокӣ ба идоракунии имтиёзҳои

гумрукӣ метавонад барои фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоидтар фароҳам оварад, дар навбати худ ба рушди иқтисодии минтақа ё кишвар, дар маҷмуъ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот аз муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодии классикӣ ва муосир, инчунин аз консепсияҳои танзими давлатии иқтисодиёт, рушди институтсионалӣ, назарияи соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ иборат мебошад. Дар ташаккули заминаи назариявии таҳқиқот корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар онҳо моҳият, тасниф ва механизмҳои татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва равандҳои сармоягузорӣ баррасӣ гардидаанд, саҳми назаррас гузоштаанд. Дар таҳқиқоти мазкур зарурати истифодаи равиши маҷмуӣ ҳангоми арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бо дарназардошти омилҳои макроиқтисодӣ, соҳавӣ ва институтсионалӣ таъкид мегардад. Ҳамин тариқ, маҷмуи равишҳои назариявӣ ва консепсияҳои илмии баррасишуда имкон доданд, ки тасаввури илмии фарогир ва низомнок дар бораи нақши имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ташаккул ёфта, ҳамчун заминаи боэътимод барои анҷом додани таҳлил, асосноккунии хулосаҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

Асосҳои методологии таҳқиқот ба принсипҳо ва консепсияҳои илмии рушди соҳибкорӣ вобаста ба имтиёзҳои гумрукӣ такя менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои таҳияшуда маҷмуи равишҳои методологӣ, аз ҷумла таҳлили ҳамаҷониба барои омӯзиши мушкилот, арзёбӣ вобаста ба нишондиҳандаҳо, хулосаҳои омилӣ, асосҳои баҳодиҳии сохторӣ, таҳлили муқоисавӣ баҳри муқоисаи маълумот ва равишҳои гуногун, таҳлили функсионалӣ, инчунин, усулҳои таҳлили мантиқӣ ва муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили сохторӣ ва динамикӣ, индексӣ, оморӣ, графикӣ, усули сенариявӣ ва моделсозии иқтисодӣ истифода гардидаанд. Усулҳо ва равишҳои интихобшуда барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда кумак расонида, бо ин васила натиҷаҳои таҳқиқотро дар амал татбиқ кардан мумкин аст.

Сарчашмаҳои таҳқиқот. Сарчашмаи иттилоотии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи маводҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оморӣ, таҳлилӣ ва илмӣ иборат буда, омӯзиши фарогир ва ҳамаҷонибаи механизми имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири он ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Ба манбаъҳои асосӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои танзими гумрукӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, соҳибкорӣ ва сиёсати сармоягузориро ба танзим медароранд, дохил мешаванд.

Дар ин радиф Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», инчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии идоравӣ қарор дошта, онҳо тартиби пешниҳоди имтиёзҳо ва преференсияҳои гумрукиро ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян менамоянд. Ҳамзамон, санадҳо ва созишномаҳои ҳуқуқии

байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, ба гуруҳи манбаъҳои таҳқиқот шомил мебошанд.

Ҳамин тариқ, хусусияти маҷмуии манбаи иттилоотии таҳқиқот имкон дод, ки масъалаи мавриди омӯзиш ҳамаҷониба таҳлил гардида, сатҳи асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳо баланд бардошта шавад ва ба ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намояд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2025 иҷро гардидааст.

Пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилии таҳқиқотро маводи маҷмуаҳои оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ҳисоботҳои илмӣ-таҳқиқотии Минтақаҳои озоди иқтисодию гумрукӣ ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ), инчунин, маълумоти оморӣ ва таҳлилии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Ба пойгоҳи ташкилӣ ва иттилоотии таҳқиқот ҳамчунин бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои ватанӣ, маводи Ассотсиатсияи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оид ба истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ, нишондиҳандаҳои фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ва маводи марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ дохил мешаванд.

Навгонии илми таҳқиқот. Аз таҳия ва асоснок намудани пешниҳодҳои назариявию методӣ ва амалӣ оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар натиҷаҳои зерини илмӣ инъикос меёбад:

1. Механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ таҳия шудааст. Таснифи муаллифии намудҳои имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод карда шуд ва таъсири онҳо ба рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ муайян карда шуд. Дар доираи таҳқиқот таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» пешниҳод карда шудааст. Аз нигоҳи муаллиф, имтиёзҳои гумрукӣ маҷмуи сабукиҳо ва афзалиятҳое мебошанд, ки аз ҷониби давлат ба шахсони ҳуқуқӣ ё нисбат ба гурӯҳҳои муайяни молҳо дар раванди амалиёти савдои хориҷӣ дода мешаванд.

2. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ гузаронида шуда, равишҳо барои мутобиқ шудан ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки таҷрибаи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва тарифӣ, истифодаи имтиёзҳо, ҷорӣ намудани механизмҳои рақамӣ, принсипи равзанаи ягона, арзиши пешакии гумрукӣ, қарорҳои пешакӣ ва мақоми оператори ваколатдори иқтисодӣ аз ҷумлаи воситаҳое мебошанд, ки метавонанд ба таҳкими муҳити мусоиди савдо ва баланд бардоштани самаранокии корҳои гумрукӣ мусоидат кунанд. Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳо шаффофияти равандҳо ва рақамисозии идоракунии гумрук, маҳдудияти муҳлат ва назорати ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ мебошад.

3. Амсилаи пешниҳодгардидаи иқтисодӣ-риёзӣ имкон фароҳам меорад, ки таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба равандҳои рушд ва густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври миқдорӣ арзёбӣ гардида, робитаи байниҳамдигарии нишондиҳандаҳои дахлдор аз нигоҳи иқтисодӣ таҳлил карда шавад. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки афзоиши шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ бештар ба содирот вобаста буда, таъсири ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ ва воридот ба ин раванд нисбатан камтар мебошад. Муайян гардид, ки коҳиши пардохтҳои гумрукӣ содиротро ҳавасманд намуда, шумораи соҳибкоронро ба андозаи 3,6% дар ҳолати афзоиши содирот ба 1% зиёд менамояд. Амсила омилҳои иқтисодӣ ва институтсионалиро мутаҳҳид намуда, арзёбии объективӣ ва пешгӯии таъсири дарозмуддати имтиёзҳоро таъмин менамояд.

4. Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст, ки барои гузариш аз имтиёзҳои умумӣ ба истифодаи мақсаднок барои соҳаҳои афзалиятноки дорои фоидаи баланд пешбинӣ шудааст. Стратегияи пешниҳодшуда ба муайян намудани таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили сатҳи шуғл, ҳаҷми сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои содиротӣ ва шумораи субъектҳои хоҷагидорро ба инобат мегирад. Истифодаи чунин маҷмуи нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки нақши сиёсати гумрукӣ дар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, навсозии сохтори иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Натиҷаҳои зерини диссертатсия ба ҳимоя бароварда мешаванд:

1. Асоснок шудааст, ки имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ҳамчун воситаи танзими андозию гумрукӣ, балки ҳамчун механизми иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ баромад намуда, вобаста ба намуд ва самти татбиқ ба рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Дар ин замина, таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» пешниҳод ва таснифи онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва самтҳои таъсиргузориашон асоснок карда шудааст.

2. Муайян шудааст, ки самаранокии татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ дар таҷрибаи хориҷӣ, бахусус кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ба шаффофияти расмиёти гумрукӣ, рақамисозии идоракунии гумрукӣ, маҳдуд намудани муҳлати амали имтиёзҳо ва арзёбии натиҷаҳои иқтисодии онҳо вобастагӣ дорад. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ имкониятҳои мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ба шароити иқтисодӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

3. Модели иқтисодӣ-математикӣ дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии нишондиҳандаҳои асосӣ, ки робитаи байни шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ, ҳаҷми содирот, воридот ва пардохтҳои гумрукиро инъикос мекунанд, таҳия шудааст. Дар асоси натиҷаҳои моделсозӣ муайян карда шудааст, ки афзоиши ҳаҷми содирот ба 1 фоиз бо зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ ба андозаи 3,6 фоиз алоқаманд мебошад, ки

аҳаммияти ҳавасмандгардонии содиротро дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад.

4. Исбот шудааст, ки такмили механизми татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ дар асоси равиши ҳадафнок, бо афзалият додан ба соҳаҳои дорои иқтидори баланди истеҳсолӣ ва содиротӣ, метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодии давлат мусоидат намояд. Дар ин замина, Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то соли 2030 таҳия гардида, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими имтиёзҳои гумрукӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба шуғл, сармоягузорӣ, содирот ва шумораи субъектҳои хоҷагидор пешниҳод шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Таҳқиқи таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Таҳқиқот дар ин соҳа ба амиқ кардани донишҳои назариявӣ дар бораи механизмҳои фаъолияти низоми гумрукӣ, инчунин таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии бахши истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Таҳлили муқоисавии имтиёзҳои гумрукӣ дар кишварҳои гуногун метавонад барои муайян кардани таҷрибаҳои беҳтарин ва мутобиқ кардани онҳо ба шароити мушаххаси кишвар кумак кунад. Таҳқиқот метавонад ба мақомоти давлатӣ дар таҳияи сиёсати беҳтари танзими гумрукӣ, ки ба дастгирии бахши соҳибкорӣ нигаронида шудааст, кумак расонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида ба Стратегияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030 ворид гардида, ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифода дар таҳияи барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешниҳод шудаанд. Коркарди асосҳои назариявии муаллиф дар раванди таълими фанҳои “Танзими тарифи гумрукии фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ”, “Фаъолияти гумрукӣ”, “Пардохтҳои гумрукӣ”, “Асосҳои соҳибкорӣ” барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморӣ натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои нашршуда тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад: 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ. 15. Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ. 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти

соҳибкорӣ. 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ.

Саҳми шахсии илмии довталаб. Дар раванди таҳқиқот аз марҳилаи таҳияи асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуъ, муайянкунии мақсаду вазифаҳо, инчунин дар коркарди механизмҳо истифодабарии самараноки имтиёзҳои гумрукӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муаллиф назаррас мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои методӣ, барои муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли онҳо кумак хоҳад кард. Ҳамин тариқ, таҳияи механизми самараноки истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ метавонад саҳми нав дар таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи иқтисод ва танзими гумрукӣ бошад. Коркардҳои муаллиф, ҳамчун маводи илмӣ - амалӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гумрукӣ дар раванди таълим татбиқ гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 12 ҷ.ч. аз он ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 199 саҳифа инъикос гардидааст, дар он 30 ҷадвал, 15 расм ва 4 диаграмма оварда шудааст.

ҚИСМАТИ АСОСӢ ТАҲҚИҚОТ

Муқаддимаи диссертатсия аз ҷанбаҳои назариявии асосноккунии мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, муқаррароту хуласаҳои илман асоснок дар диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия “**Асосҳои назариявии таҳқиқи нақш ва моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ**” Асосҳои назариявии таҳқиқи моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, таснифбандии имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, таҷрибаи хориҷии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаълияти соҳибкорӣ баррасӣ гардидааст.

Дар масъалаи дастгирии рушди фаъолияти сохибкорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест - 2025» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳими сиёсати иқтисодӣ таъкид намуда, зикр намуданд, ки «онҳо ба фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, татбиқи чунин тадбирҳо ба дастгирии фаъолияти тиҷоратӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии

кишвар равона гардида, барои рушди соҳаҳои калидӣ, аз ҷумла саноат, инфрасохтор ва сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад» [14]. Инчунин, Пешвои миллат кайд намуданд: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад. Дар ин замина, ба сармоягузорон маҷмӯи васеи кафолатҳо ва имтиёзҳо пешниҳод гардида, қисми назарраси онҳо ба соҳаҳои андоз ва гумрук равона шудаанд, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя мусоидат менамоянд» [11].

Вобаста бо гуфтаҳои дар боло овардашуда гузаронидани таҳлили назариявии мафҳумҳои имтиёзҳои гумрукӣ ва имтиёзҳои тарифиро зарур мешуморем (ниг. ҷадв. 1).

Ҷадвали 1. - Равишҳои назариявӣ оид ба тавсифи имтиёзҳои гумрукӣ

Муаллифони назарияҳо	Тавсифи асосии имтиёзҳои гумрукӣ
Беляев М.И.	Имтиёзҳои гумрукӣ бевосита бо интихоби расмиёти гумрукӣ алоқаманданд, зеро ин тартиб доираи асосҳоро барои озод кардан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ муайян мекунад
Комиссаров А.А.	Имтиёзҳои гумрукӣ - истисноҳо аз низоми умумии ситонидани пардохтҳои гумрукӣ мебошанд ва танҳо дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешаванд
Кучеров И.И.	Имтиёзҳои гумрукӣ, механизми молиявию ҳуқуқӣ мебошад, ки ба кам кардани пардохтҳои ҳатмӣ ҳангоми воридот ё содироти молҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии намудҳои муайяни фаъолияти иқтисодӣ равона карда шудааст
Стрелсов И.А.	Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун як ниҳоди махсуси ҳуқуқи гумрукӣ баррасӣ карда мешаванд, ки фарқияти шароити интиқоли молро таъмин мекунад ва манфиатҳои иқтисодии давлатро амалӣ мекунад
Тарасов И.Т.	Имтиёзҳои гумрукӣ, ин афзалиятҳои муқаррарнамудаи давлат оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ мебошанд, ки ҳангоми риояи шартҳои муқаррарнамудаи субъектҳо дода мешаванд
Турсунов Х.М.	Имтиёзҳои гумрукӣ чунин имтиёзе фаҳмида мешавад, ки ҳангоми татбиқи сиёсати тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби яктарафа шартҳои муносибатҳои мутақобила ё нисбати моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда, озод кардан аз пардохти боҷи гумрукӣ, кам кардани меъёри боҷи гумрукӣ, муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) имтиёзноки мол пешниҳод карда мешавад
Ашурзода Ш.М.	Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ, беҳтар шудани вазъи молиявии корхонаҳо, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва бартариҳои рақобатӣ мусоидат кунанд
Ҷураев Ш.Н. (муаллиф)	Имтиёзҳои гумрукӣ, ин озодкунӣ ё кам кардани пардохтҳо ва расмиёти гумрукӣ мебошанд, ки давлат ба шахсони алоҳида, ташкилотҳо ё намудҳои молҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии иқтисодиёт, дастгирии соҳаҳои муайян ё содда кардани савдо медиҳад.


Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [3, 7, 8, 13, 15, 22, 21, 9, 16, 2]

Дар ҷадвали 1 андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, инчунин мавқеи муаллиф вобаста ба шарҳи мафҳум ва хусусиятҳои имтиёзҳои гумрукӣ ба низом дароварда шудаанд. Таҳлили андешаҳои пешниҳодгардида имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосии ин мафҳум муайян ва гуногунҷабҳаи нишонаҳои хоси имтиёзҳои гумрукӣ ошкор карда шаванд.

Тибқи моддаи 346 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, «имтиёзҳои тарифии гумрукӣ ҳамчун маҷмӯи афзалиятҳое муайян карда мешаванд, ки дар доираи сиёсати тиҷоратии давлат бо тартиби яктарафа ё

дар асоси муносибатҳои мутақобила нисбат ба молҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда татбиқ мегарданд. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки чунин имтиёзҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла озодкунӣ аз боҷ, кам кардани меъёр, баргардонидани пардохтҳо ва муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ ифода ёбанд» [5].

Аз ин рӯ, мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» нисбат ба «имтиёзҳои тарифӣ» доираи васеътар дошта, маҷмӯи сабукиҳо ва афзалиятҳоеро дар бар мегирад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ пешбинӣ гардидаанд. Имтиёзҳои гумрукӣ якчанд таснифот доранд ва ҳар яке нақши хоси худро дар рушди иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ ичро мекунанд. Таҳлили таҷрибаи амалии татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ нишон медиҳад, ки онҳо метавонанд аз рӯйи як қатор меъёрҳо гурӯҳбандӣ карда шаванд. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. - Таснифи меъёрҳои гурӯҳбандии имтиёзҳои гумрукӣ

Сачашма: дар асоси адабиёти [17, с. 110] аз ҷониби муаллифон омода шудааст

Чунин тасниф имконият медиҳад, ки сиёсати гумрукӣ ба таври системавӣ ва самаранок амалӣ карда шавад. Меъёри асосии чунин тасниф муайян намудани он мебошад, ки истисноҳои сабуккунанда дар кадом

марҳила ва самти фаъолияти гумрукӣ татбиқ мегарданд. Имтиёзҳое, ки ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ алоқаманд мебошанд, вобаста ба хусусият ва навъи пардохти дахлдор ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда мешаванд. Чунин тасниф имкон медиҳад, ки самтҳои асосии сабукӣ дар низоми пардохтҳои гумрукӣ мушаххас гардида, таъсири онҳо ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян карда шавад.

Дар таҳқиқоти худ Раҳмонов Д.Р. чунин қайд мекунад, «имтиёзҳои тарифию андозӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ҳавасмандгардонии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад» [12, с. 112].

Бартарияти таснифоти пешниҳод намудаи мо аз дигар таснифотҳо дар он аст, ки «бештар фарогири фаъолияти соҳибкорӣ буда, гуруҳҳои мақсаднокро ифода менамояд. Ҳамзамон ин таснифот метавонад ба давлат ва ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ кӯмак кунад, ки кадом тадбирҳои дастгирӣ барои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт самараноктаранд» [19, с. 193].

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ яке аз механизмҳои муассир барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ мебошанд. Бисёр кишварҳо тавонистаанд фазои иқтисодиро фаъол гардонанда, бо роҳандозӣ намудани сиёсати имтиёзнок дар соҳаи гумрук рушди соҳибкориро ташвиқ кунанд. Аз чунин таҷрибаҳо метавонанд ҶТ низ самаранок истифода намояд. Пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, тарифӣ ва преференсияҳо вобаста ба амалияи фаъолияти Иттиҳоди гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (минбаъд - ИИАО) дар раванди таҳқиқоти илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) яке аз шаклҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар заминаи шартномаи байнидавлатӣ таъсис дода шудааст. Ба ҳайати давлатҳои узви ИИАО Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дохил мешаванд. Ин давлатҳо дар доираи иттиҳод механизми ҳамгироии иқтисодиро татбиқ менамоянд ва чораҳои муштараки ҳифзи бозори дохилиро амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ташкили иттиҳоди гумрукӣ ба коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои аъзо, рушди мубодилаи мол ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодию гумрукӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин, Иттиҳоди гумрукӣ на фақат механизми соддагардонидашудаи тиҷорати байни кишварҳои ин иттиҳод, балки яке аз воситаи протексионизми муштараки савдои хориҷӣ низ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари Кодекси гумрукии ИИАО, Комиссияи иқтисодии Авруосиё як қатор қарорҳо ва санадҳои муҳими зерқонунӣ қабул намудааст, ки барои татбиқи амалии меъёрҳои Кодекс аҳаммияти калон доранд. Дар натиҷа, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои гузариш аз модели одии ҳамоҳангсозии гумрукӣ ба модели мураккабтари фазои умумии иқтисодӣ ва нақлиётӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ, имтиёзҳои тарифӣ ва преференсияҳо дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё нишон медиҳад, ки механизми мазкур дорои сохтори мураккаб ва чандзинагӣ буда, аз маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқию иқтисодии ба ҳам алоқаманд иборат мебошад. Татбиқи чунин механизм, аз як тараф, ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатҳои аъзо ва таъмини рақобатпазирии бозори дохилии онҳо равона шуда бошад, аз ҷониби дигар, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди муносибатҳои савдои қонунӣ хизмат менамояд. Дар маҷмӯъ, таҷрибаи ИИАО нишон медиҳад, ки пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва тарифӣ, татбиқи преференсияҳо, ҷорӣ намудани механизмҳои рақамӣ, принсипи равзанаи ягона, арзиши пешакии гумрукӣ, қарорҳои пешакӣ ва мақоми оператори ваколатдори иқтисодӣ аз ҷумлаи он абзорҳое мебошанд, ки метавонанд ба таҳкими муҳити мусоиди тиҷоратӣ ва афзоиши самаранокии фаъолияти гумрукӣ мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи ИИАО барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи миллӣ дар соҳаи гумрук аҳаммияти назаррас дорад.

Қобили зикр аст, ки мо таҷрибаи ИГ Иттиҳоди Аврупоро дар соҳаи имтиёзҳои гумрукӣ ва манфиатҳои онро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омӯхтем. Ҳамин тавр, дар ИА Иттиҳоди гумрукӣ амал мекунад, ки фаъолияти дурусти бозори ягонаро таъмин мекунад ва дар рушди Иттиҳоди Аврупо нақши муҳим мебозад, зеро он вазифаи дукаратаро иҷро мекунад: ба тиҷорати бемамониат мусоидат мекунад, шаҳрвандон ва корхонаҳои ИА-ро ҳимоя мекунад. Намудҳои асосии имтиёзҳо ва озодиҳои гумрукӣ дар Иттиҳоди Аврупо:

1. Имтиёзҳо аз рӯйи пайдоиши мол ба молҳои кишварҳое дода мешаванд, ки ИА бо онҳо созишномаҳо дорад, яъне созишномаҳои тиҷорати озод (масалан, Канада, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ);

2. Агар молҳо ворид карда шаванд, озодкунӣ аз боҷи воридотӣ татбиқ карда мешавад, яъне барои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ; барои ташкилотҳои байналмилалӣ; ҳамчун кӯмаки башардӯстона; барои мақсадҳои илмӣ, таълимӣ ё фарҳангӣ;

3. Озодкунии шахсони воқеӣ -аз боҷҳо ва андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридот, ашёи шахсӣ ҳангоми кӯчидан, молҳо дар доираи лимити бе боҷ (бағоҷ, парвозҳои ҳавоӣ ва ғайра), тӯҳфаҳои арзиши муайяндошта;

4. Квотаҳои тарифӣ ҳангоми воридоти ҳаҷми муайяни мол бо меъёри кам ё сифр истифода мешаванд;

5. Имтиёзҳои соҳавӣ ва мақсаднок барои саноати авиатсия, барои барномаҳои мудофиа ва кайҳон, барои молҳои стратегӣ (муваққатан, бо қарори ИА).

Иттиҳоди гумрукӣ яке аз дастовардҳои аввалини Иттиҳоди Аврупо аст ва барои фаъолияти дурусти бозори ягона аҳамияти муҳим дорад. Иттиҳоди гумрукӣ ба ҳуҷҷати ягона асос ёфтааст, ки меъёрҳои боҷи гумрукиро, ки ҳангоми воридоти молҳо аз хориҷи ИА истифода мешаванд ва тартиби

умумии воридоти молҳо ба қаламрави гумрукии ИА ё содирот аз он муқаррар мекунад.

Дар боби дуюми диссертатсия "**Арзёбии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон**" таҳлили вазъи муосири истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, арзёбии нақши истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст.

Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вобастагии баланд аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, хусусан дар соҳаи воридоти таҷҳизоти технологӣ ва ашёи хом хос аст. Дар ин шароит, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути имтиёзҳои гумрукӣ воситаи муҳими ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва кам кардани хароҷот мегардад. Ҳам ба имтиёзҳои андозӣ ва ҳам гумрукӣ диққати махсус дода мешавад, зеро онҳо ба вазъи молиявии корхонаҳо ва рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ таъсири мустақим доранд. Олимони ватанӣ Асрорзода А.С., Валиев Н.Ш. чунин қайд менамоянд: «такмили низоми андозбандӣ низ яке аз шартҳои асосии ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ба шумор меравад. Коҳиш додани бори андозӣ барои соҳибкорӣ, махсусан дар марҳилаи ибтидоии фаъолият, метавонад ҳавасмандии таъсиси фаъолияти навро дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт зиёд намояд» [1, с. 6-23].

Ҷадвали 2 динамикаи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024 инъикос менамояд. Маълумоти пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки миқёси дастгирии давлатӣ арзёбӣ карда шавад ва инчунин тамоюлҳои тағйирёбии ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳаҷми умумии имтиёзҳо ошкор карда шаванд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Ҳиссаи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2019-2024


Солҳо	Имтиёзҳои умумии андозӣ (млн. сомонӣ)	Имтиёзҳо аз рӯйи боҷҳои гумрукӣ (млн. сомонӣ)	Ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ (%)
2019	7320,2	1120,3	15,3
2020	7650,4	1150,5	15,0
2021	8800,1	1350,8	15,3
2022	9400,5	1500,4	16,0
2023	10250,2	1680,2	16,4
2024	11800,4	1683,7	16,6
Тағйироти соли 2024/2019	4480,2	563,4	**1,3**

Сарчашма: ҳиссоби муаллиф дар асоси [18, 23, 24]

Таҳлили нишондиҳандаҳо дар панҷ сол афзоиши устувори ҳаҷми имтиёзҳоро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, динамикаи имтиёзҳои умумии андоз ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши мунтазами дастгирии давлатии соҳибкорӣ ишора намуда, муносибати мутавозин байни воситаҳои ҳавасмандгардонии иқтисодиёти андоз ва гумрукӣ нигоҳ дошта

мешавад (Диаграммаи 1). Тибқи маълумоти дар расми 2. пешниҳодшуда, дар солҳои 2019-2024 тамоюли умумии афзоиши ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Ҳаҷми умумии имтиёзҳои андозӣ аз 7320 млн. сомонӣ дар соли 2019 то 11800 млн. сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, дар маҷмӯъ 4480 млн. сомонӣ ё тақрибан 61,2 % зиёд шудааст.


Диаграммаи 1. - Динамикаи имтиёзҳои гумрукӣ ва имтиёзҳои андозии умумӣ. (2019-2024), млн. сомонӣ



Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [18, 23, 24]

Сиёсати пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшаванда хусусияти фаъол дошта, ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва содироти таҷҳизоту технологияҳои муосир равона гардидааст. Дар баробари ин, афзоиши босуръати имтиёзҳои гумрукӣ зарурати баҳодиҳии мунтазами самаранокии иқтисодии онҳо ва таъсири воқеии онҳо ба рушди истеҳсолот ва иқтисоди миллиро ба миён мегузорад.

Диаграммаи 2. - Саҳми имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳаҷми умумии имтиёзҳо дар солҳои 2019-2024, бо фоиз



Сарчашма: таҳияи муаллиф

Тибқи маълумоти дар диаграммаи 2 пешниҳодшуда, ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳаҷми умумии имтиёзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 нисбатан устувор буда, дар ҳудуди 15,0-16,4% қарор доштааст. Аммо дар соли 2024 тағйироти назаррас ба вуҷуд омада, ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ ба 16,6% баробар гардидааст. Ин ҳолат аз тағйироти ҷиддӣ дар сохтори умумии имтиёзҳо ва афзоиши нақши сиёсати гумрукӣ дар механизми дастгирии давлатии иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ тадбирҳо меандешад. Имрӯз ба сармоягузорон зиёда аз 240 кафолат ва имтиёзҳои гуногун ҷудо карда шудааст, ки зиёда аз 110 имтиёзи онҳо андоз ва гумрук мебошанд. Пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба категорияҳои асосии соҳибкорон ва барномаҳои дастгирӣ тақсим карда мешавад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. - Шумораи баҳрабардорони имтиёзҳо аз рӯйи категорияҳо дар соли 2024

Категория	Шумораи баҳрабардорони имтиёзҳо	Намудҳои асосии имтиёзҳо
Корхонаҳои аграрӣ	150	Имтиёзҳо барои тухмӣ, техникаи кишоварзӣ ва нуриҳои минералӣ
Корхонаҳои саноатӣ	95	Имтиёзҳо барои таҷҳизот ва ашёи хом
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ)	50	Озодкунӣ аз ҳамаи боҷҳои гумрукӣ ҳангоми воридоти таҷҳизот
Барномаҳои иҷтимоӣ	35	Имтиёзҳо барои доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [24]

Қисми зиёди субъектҳои дорои имтиёз ба корхонаҳои аграрӣ рост меояд, ки ин бо сиёсати давлатии дастгирии бахши кишоварзӣ вобаста мебошад. Агентии захираҳои моддӣ ва як қатор корхонаҳои давлатии алоҳида аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод шуда, барои молҳои калидии воридотӣ меъёри пастшудаи ААИ мегиранд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ сатҳи баланди ҷалби сармоягузориро нишон медиҳанд, зеро пешниҳоди имтиёзҳо воридоти таҷҳизотро пурра аз боҷҳои гумрукӣ озод менамояд.

Бо мақсади муайян намудани ҳаҷм ва динамикаи истифодаи имтиёзҳои мазкур, дар ҷадвали 4 маълумот оид ба ҳаҷми воридоти молҳое, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои гумрукӣ татбиқ шудаанд, инчунин ҳаҷми маблағҳои пардохтҳои гумрукие, ки аз онҳо субъектҳои дахлдор озод карда шудаанд, пешниҳод мегардад. Нишондиҳандаҳо бо ифодаи млн. сомонӣ оварда шуда, имкон медиҳанд, ки тағйирёбии ҳаҷми воридоти имтиёзнок ва миқёси дастгирии гумрукии соҳибкории истеҳсолӣ дар давраи таҳлилшаванда арзёбӣ карда шавад. Ҳамчунин, воридоти молҳо барои объектҳои махсусан муҳими давлатӣ бо 48,4% зиёд гардида, нақши сармоягузориҳои давлатӣ дар инфрасохторро тақвият медиҳад. Афзоиши назаррас инчунин дар бахшҳои техникаи хоҷагии қишлоқ (147,5%) ва доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ (135,2%) ба қайд гирифта шудааст, ки ин равандҳо ба дастгирии амнияти озуқаворӣ ва беҳдошти низоми тандурустӣ мусоидат менамоянд (ҷадв. 4).


Ҷадвали 4. - Динамикаи воридоти молҳои дорои имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2022-2024

№	Номгӯйи имтиёзҳо	Солҳо (млн. сомонӣ)			Соли 2024 нисбат ба с. 2022, %
		2022	2023	2024	
1	Воридоти молҳо барои объектҳои махсусан муҳими давлатӣ	243,2	406,8	360,9	**148,4**
2	Воридоти молҳо барои татбиқи лоиҳаҳои маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	329,1	328,7	233,8	**71,0**
3	Воридоти таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ва технологӣ	191,0	249,7	320,0	**167,6**
4	Воридоти молҳо барои корхонаҳои навтаъсис	469,5	223,5	287,2	**61,2**
5	Воридоти техникаи хоҷагии қишлоқ	59,1	76,4	87,2	**147,5**
6	Воридоти доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ	14,2	15,7	19,2	**135,2**
Ҳамагӣ		**1306,1**	**1300,8**	**1308,3**	**100,2**

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [18, 23, 24]

Дар айни замон, коҳиши ҳаҷми воридоти молҳо барои лоиҳаҳои маъқулдонистаи Ҳукумат (71,0%) ва корхонаҳои навтаъсис (61,2%) мушоҳида мегардад. Ин метавонад натиҷаи анҷом ёфтани як қатор лоиҳаҳо ё таҷдиди механизмҳои пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бошад.

Диаграммаи 3. - Динамика ҳаҷми воридоти молҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 ба онҳо имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод гардидаанд, млн. доллари ИМА



Сарчашма: таҳияи муаллиф

Маълумотҳои диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки ҳаҷми воридоти молҳо, ки ба онҳо дар Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 имтиёз дода шудааст, барои ҳар як гурӯҳи мол тағйироти муайян доштааст. Дар соли 2022 ҳаҷми воридот 243,2 млн. сомонӣ буд. Соли 2024 нисбат ба соли 2022 бо ҳисоби фоиз ба 148,4 банди фоизи баробар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки ҳаҷми воридоти ин намуди молҳо дар давоми се сол назаррас афзудааст. Аз рӯйи ҳаҷм бошад дар соли 2022 ба 329,1 млн. сомонӣ расида, дар соли 2023 низ қариб бо ҳамон сатҳ (328,7 млн.) боқӣ монд, аммо дар соли 2024 ин нишондиҳанда коҳиш ёфта ба 233,8 млн. сомонӣ баробар гардид. Соли 2024 нибат ба соли 2022 ба андозаи 71% кам гардидааст, ки ин камшавии ҳаҷми воридот дар ин бахшро нишон медиҳад. Дар соли 2022 ҳаҷм 191,0 млн. сомонӣ буд, соли 2023 ба 249,7 млн. ва соли 2024 ба 320,0 млн. сомонӣ расид. Афзоиши назаррас (167,6%) ба рушди саноат ва истеҳсолот ишора мекунад.

Ҳамин тариқ, имтиёзҳои гумрукӣ воситаи муассири ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Таҳлили оморӣ афзоиши ҳаҷми имтиёзҳо, устувор шудани саҳми онҳо дар даромадҳои гумрукӣ ва аҳамияти бештар дар байни корхонаҳои кишоварзӣ ва ширкатҳои саноатиро нишон медиҳад. Беҳтар кардани низоми ҳавасмандгардонӣ тавассути автоматикунонӣ, аудит ва табақабандии тарифҳо самаранокии танзими давлатӣ ва рақобатпазирии иқтисоди Тоҷикистонро беҳтар мекунад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳудудҳои махсуси иқтисодие таъсис дода шудаанд, ки фаъолияти онҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона мегардад. Яке аз вазифаҳои муҳими чунин минтақаҳо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва таҳкими робитаи иқтисоди миллӣ бо бозори ҷаҳонӣ мебошад. Барои таъмини ҳадафҳои мазкур дар ҳудуди МОИ низоми махсуси ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ амал менамояд. Ин низом истифодаи як қатор имтиёзҳои андозӣ ва гумрукиро пешбинӣ намуда, барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ шароити нисбатан мусоиди фаъолияти иқтисодиро фароҳам месозад. Дар айни замон чунин МОИ, ба монанди МОИ “Суғд” дар шаҳри Хуҷанд; МОИ “Панҷ” дар вилояти Хатлон; МОИ “Данғара” дар вилояти Хатлон; МОИ “Ишкошим” дар ВМКБ; МОИ “Кӯлоб” дар вилояти Хатлон ба роҳ монда шудаанд. Дар соли 2024 фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбат доштааст. Ҳаҷми сармоягузории ҷалбшуда дар ин минтақаҳо ба 114 млн. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2023 тақрибан 11 % афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз баланд гардидани фаъолнокии сармоягузорӣ ва тадриҷан беҳтар шудани шароити фаъолияти иқтисодӣ дар ҳудуди МОИ шаҳодат медиҳад. Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, барои рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва васеъ намудани фаъолияти субъектҳои резидентӣ замина фароҳам меорад. Дар баробари ин, чунин динамика метавонад аз афзоиши таваҷҷуҳи соҳибкорон ва сармоягузорон ба имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва эътимоди бештар ба низоми имтиёзноки онҳо дарак диҳад.

Дар боби сеюми диссертатсия “**Роҳҳои такмили механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ**” танзимкунии давлатии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, амсилаи рушди фаъолияти соҳибкори тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ, Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

«...Асосҳои ҳуқуқии танзими институтсионалии имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки тибқи моддаи 346-и он имтиёзҳои тарифӣ ҳамчун маҷмуи афзалиятҳои ҳуқуқӣ муайян гардида, дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, паст кардани меъёрҳои онҳо, баргардонидани маблағҳои қаблан пардохтшуда ва муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ татбиқ мегарданд» [5]. Дар асоси омӯзиши заминаҳои ҳуқуқӣ шаклҳои имтиёзҳои гумрукӣ (тарифӣ), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, дар ҷадвали 5 пешниҳод карда шудаанд.

Ҷадвали 5. - Шаклҳои имтиёзҳои гумрукӣ (тарифӣ), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд

Намуди имтиезҳо	Мазмуни иқтисодӣ	Асоси меъерӣ
Озодкунӣ аз пардохти боҷ	Озодкунии пурра аз боҷи гумрукӣ	Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 346
Паст кардани меъёри боҷ	Истифодаи меъёри пастшуда	Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Квотаҳои тарифӣ	Ҳаҷми имтиёзноки воридот (содирот)	Шартномаҳои байналмилалӣ
Баргардонидани боҷи қаблан пардохтшуда	Ҷуброни маблағҳои пардохтшуда	Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [15]

Шаклҳои имтиёзҳои мазкур дар доираи татбиқи сиёсати тиҷоратӣ ва сармоягузории давлат истифода мешаванд. Сохтори институтсионалии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти гумрук ва дигар мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроияро дар бар мегирад. Дар ин раванд мақомоти гумрук барои пешгирии намудани ғайриоқилона истифода шудани имтиёзҳои гумрукӣ раванди риоя шартҳои пешниҳоди имтиёзҳоро назорат намуда, идоракунии босифат ва мақсадноки режимҳои имтиёзнокро таъмин менамоянд.

Таҳияи механизми арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар раванди муосири рушди фаъолияти савдои берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ ва саривақти мебошад. Он имкон медиҳад самаранокӣ ва натиҷанокии ин имтиёзҳо вобаста ба саҳмашон дар рушди иқтисоди дар мамлакат, вооридоти технологияи нав, тавсеаи навоварӣ ва дар умум ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шавад. Барои ин мо кушиш кардем, ки амсилаи эконометрикии коррелиатсионӣ-регрессионiро созем (ҷадв. 6).

Ҷадвали 6. - Нишондиҳандаҳои асосӣ барои амсилаи коррелиатсионӣ – регрессионӣ

Солҳо	Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда (адад)	Боҷҳои гумрукӣ (млн. доллар)	Воридот (млн. доллар)	Содирот (млн. доллар)
2016	31655	462,6	4045,4	943,4
2017	31352	521,3	4297,4	977,3
2018	32084	450,6	3435,6	890,6
2019	32001	536,2	3031,2	898,7
2020	32096	584,9	2774,9	1198,2
2021	33572	592,1	3151,1	1073,3
2022	34604	660,4	3349,3	1174,4
2023	37264	542,9	3150,9	1406,9
2024	36663	680,8	4209,5	2149,6

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [10]

Сабаби асосии интихоби содирот ва воридоти молҳо ва маҳсулот ҳамчун нишондиҳандаи имтиёзҳои гумрукӣ дар он аст, ки имтиёзҳои гумрукӣ ба содирот ва воридоти молҳо ва маҳсулот бе маблағ таъсир мерасонанд. Мисол барои воридоти технологияи нав боҷи гумрукӣ ситонида намешавад, ё ин ки барои содир кардани молҳои тайёр имтиёзҳои гумрукӣ дода шудааст. Бинобар ин сабаб дар асоси нишондиҳандаи мазкур амсиларо сохтем. Таҳлили коррелятсионӣ нишон дод, ки шумораи субъектҳои хоҷагии амалкунанда бо сатҳи боҷҳои гумрукӣ ва ҳаҷми содироти молҳо ва маҳсулот зич алоқаманд аст: боҷҳои гумрукӣ (0.601); содироти молу маҳсулот (0,785)

Дар баробари ин, мо кушиш кардем, ки вобастагии рушди соҳибкориро аз боҷҳои гумрукӣ муайян намоем, барои ин суръати рушди онҳоро гирифтем (ҷадв.7).

Ҷадвали 7. – Суръати рушди нишондиҳандаҳои асосӣ

Солҳо	Y	X_1	X_2	X_3
	Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда (адад)	Боҷҳои гумрукӣ (млн. доллар)	Воридот (млн. доллар)	Содирот (млн. доллар)
2017	0,990428	1,126891	1,062293	1,035934
2018	1,023348	0,864378	0,79946	0,911286
2019	0,997413	1,189525	0,882291	1,009095
2020	1,002969	1,091231	0,915446	1,333037
2021	1,045987	1,01231	1,135536	0,89591
2022	1,03074	1,115352	1,062932	1,094195
2023	1,07687	0,822078	0,940764	1,197973
2024	0,983872	1,254006	1,335968	1,527898

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси [10] таҳия карда шудааст

Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин намудро доро мегардад:

$$Y = 1{,}204 - 0{,}175 * X_1$$

Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки камшавии боҷи гумрукӣ ба 1 %, субъектҳои хоҷагидорӣ (соҳибкорон) ба 0,17% афзоиш меёбад, танҳо дар ҳолати рушди дигар омилҳо бе тағйир мондан. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири омилҳои дигар бештар аст (нишондиҳандаи β_0 – 1,204), яъне дар ҳолати ба 1% афзудани дигар омилҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ба 1,2% меафзояд.

Муҳақиқи ватанӣ Асрорзода У.С. дар таҳқиқоти худ чунин қайд менамоянд, ки: «моҳияти иқтисодии имтиёзҳои гумрукӣ аз кам кардани

хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ иборат аст, ки барои васеъ кардани фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ ҳавасмандии иловагӣ ба вуҷуд меорад» [20,с.455]. Илова бар ин, Валиев Н.Ш. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «таъмин намудани инкишофи босуръати фаъолияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои таъсиргузор барои татбиқи амалии пояҳои иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои асосии он, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳибкории хусусӣ тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар низоми андозбандии фоида, арзиши иловашуда, пардохти боҷу хироҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий дар давраи муайян нисбати санҷишҳои зиёди фаъолияти муваффақонаи субъектҳои соҳибкорӣ ва аз байн бурдани дигар монеаҳои мавҷуда ба қатори чораҳои муҳиму аввалиндараҷа маҳсуб мешаванд» [4, с. 61]

Дар ҷараёни таҳлили паҳлуҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ба хулоса омадан зарур аст, ки бояд Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030 таҳия ва пешниҳод карда шавад, ки ҳадафи он рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Азбаски корхонаҳои истеҳсолӣ, ки аксарияти онҳо мақоми соҳибкории хурд ва миёна доранд, бо мушкилоти маблағгузории таҳияҳои таҳқиқотӣ, конструкторӣ ва инноватсионӣ рӯ ба рӯ мешаванд, дар ҳоле ки онҳо бояд рақобатпазир бошанд. Аз ин сабаб таҳияи Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030 ба фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосии Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити рақамикунонӣ аз фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ иборат аст. Барои барои расидан ба ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама, зарур аст, ки низоми гумрукӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ мутобиқ гардонида шавад. Бояд қайд намуд, ки яке аз самтҳои муҳими стратегияи мазкур ин рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар равандҳои гумрукӣ имконият фароҳам месозад, ки расмиёти барасмиятдарорӣ сода, шаффоф ва дастрас шавад. Бо ин мақсад, мувофиқи мантиқ аст, ки самтҳои таъсири стратегии имтиёзҳои гумрукӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ сохторбандӣ карда шаванд. Моҳияти иқтисодии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ дар он ифода меёбад, ки давлат бо роҳи сабук намудани сарбории гумрукӣ ва содагардонии расмиёти барасмиятдарорӣ фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкориро ҳавасманд мегардонад. Дар натиҷа, арзиши аслии маҳсулот коҳиш ёфта, имкониятҳои бештар барои соҳибкорон дар самти истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронида шуда ва дастрасӣ технологияҳои нав ба вуҷуд меояд. Ҳаммаи ин дар ниҳоят ба рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи мамлакат замина фароҳам меоварад (Расми 5).

Расми 5. - Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030

(Сарчашма: таҳияи муаллиф)



Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ва хулосаҳои ба даст омада метавон қайд намуд, пешниҳод ва истифодаи мақсадноки имтиёзҳои гумрукӣ дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ муҳити соҳибкориро дар мамлакат мусоидтар гардонида, онро барои соҳибкорони хориҷа ҷолиб мегардонад. Дар натиҷа истеҳсолоти ватанӣ афзоиш ёфта, ҳаҷми содирот зиёд мегардад, ки дар ниҳоят дар рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсири ҳангуфт хоҳад расонид. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки такмили низоми гумрукӣ, рақамикунонии хизматрасониҳо, арзёбии самаранокии имтиёзҳо ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ҳамчун самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор гиранд. Танҳо дар ин сурат имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба воситаи муассири рушди устувори соҳибкорӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбанд.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

А. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ, механизмҳои татбиқ ва истифодаи онҳо, инчунин омӯзишу арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти мазкур барои муайян намудани хусусиятҳои асосии низоми имтиёзнок имконият фароҳам овард. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот метавон як қатор хулосаҳои муҳимро пешниҳод намуд:

1. Асоснок карда шуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун ниҳоди нисбатан мустақили ҳуқуқии танзими гумрукӣ баромад намуда, дорои сохтори дохилии муайян ва имкониятҳои хоси танзимкунанда мебошанд. Моҳияти онҳо дар низоми ба ҳам алоқаманди меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ ифода ёфта, ин меъёрҳо асосҳо, шартҳо, тартиб ва доираи пешниҳоди имтиёзҳои гумрукиро муайян менамоянд. Ҳамзамон, муқаррар гардид, ки имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо воситаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои гумрукӣ, балки яке аз механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд. Истифодаи онҳо метавонад ба ҷалби сармоягузорӣ, ворид намудани технологияҳои муосир, тақдиди сохтори истеҳсолот ва рушди устувори иқтисодӣ таъсири мусбат расонад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» низ пешниҳод карда шудааст [1-М, 4-М, 11-М].

2. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ, имкон медиҳад, ки ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар низоми чораҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ дақиқтар муайян карда шавад. Исбот шудааст, ки таъсири бештари мултипликативӣ барои рушди соҳибкорӣ тавассути имтиёзҳои гумрукии хусусияти сармоягузоридошта, ки ба воридоти таҷҳизоти технологӣ, ашёи хом ва ҷузъҳои дар қаламрави миллӣ истеҳсолнашуда ё маҳдуд истеҳсолшуда равона карда шудаанд. Ин ба пешбурди навоварӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, инчунин рушди устуворро тавассути тамаркуз ба технологияи устувор дастгирӣ мекунад. Ғайр аз ин, имтиёзҳо барои ширкатҳо дар минтақаҳои дурдаст ба коҳиш додани номутаносибии иқтисодӣ мусоидат мекунанд, расмиёти коҳишёфта монеаҳои маъмуриро коҳиш медиҳанд ва чандирии таснифот имкон медиҳад, ки ба тағйирот дар

иқтисодиёт зуд мутобиқ шаванд ва дар ниҳоят ба иқтисодиёти устувортар ва рақобатпазир мусоидат кунанд [3-М, 6-М, 10-М].

3. Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар Иттиҳоди Аврупо шаффофияти расмиёт, рақамикунонии маъмурияти гумрук, маҳдудияти муҳлати имтиёзҳо ва назорати минбаъдаи расидан ба ҳадафҳои эълоншудаи иқтисодӣ мебошанд, дар Иттиҳодияҳои гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бошад ин механизмҳо дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор доранд. Таҳлили таҷрибаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи танзими гумрукӣ нишон медиҳад, ки истифодаи таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ метавонад барои такмили механизми пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дошта бошад. Аз ҷумла, мутобиқ намудани усулҳои муосири арзёбии мунтазами самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ, такмили механизмҳои назорат ва тақвияти ҳамоҳангсозии муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ метавонанд ба баланд бардоштани натиҷабахшии сиёсати гумрукӣ мусоидат намоянд [2-М, 7-М].

4. Тавре, ки таҳлили таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, механизми амалкунандаи пешниҳоди имтиёзҳо бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешавад - аз мураккабии маъмурият ва шаффофияти нокифояи расмиёт то самаранокии нокифояи афзалиятҳои алоҳида. Бо дарназардошти камбудиҳои ошкоршуда, зарурати объективии навсозии низоми имтиёзҳои гумрукӣ ба назар мерасад. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани назорати риояи шартҳои пешниҳоди имтиёзҳо, рақамикунонии равандҳо, баланд бардоштани шаффофият ва арзёбии мунтазами натиҷаҳои истифодаи имтиёзҳо барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати гумрукӣ ва тарифӣ шароит фароҳам меорад [4-М, 5-М, 8-М].

5. Таҳлили динамикаи пешниҳоди имтиёзҳо дар давраи солҳои 2019-2024 афзоиши устувори ҳаҷми онҳоро ҳам дар ифодаи мутлақ ва ҳам дар сохтори умумии преференсияҳо нишон медиҳад, ки аз сиёсати пайгиронаи давлатӣ дар самти ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Саҳми имтиёзҳои гумрукӣ дар низоми умумии преференсияҳои андозию гумрукӣ дар сатҳи 15–16,4 % нигоҳ дошта шуда, мавҷудияти равиши мутавозини давлатро дар истифодаи абзорҳои андозӣ ва гумрукӣ ҷиҳати ҳавасмандсозии фаъолияти иқтисодӣ тасдиқ менамояд. Тақсимоти афзалиятноки имтиёзҳо байни соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ муайян гардид, ки афзалиятҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлатиро инъикос намуда, ба рушди устувори бахшҳои калидии иқтисод мусоидат мекунад [6-М, 10-М].

6. Дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ баромад мекунанд. Озод намудани мол, ашёи хом ва таҷҳизоти воридотӣ аз баъзе пардохтҳои гумрукӣ ва андозӣ ба коҳиш ёфтани хароҷоти ибтидоии сармоягузорӣ мусоидат

намуда, барои таъсис ва тавсеаи корхонаҳои истеҳсолӣ шароити нисбатан мусоид фароҳам меорад. Натиҷаҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ дар МОИ, махсусан дар МОИ «Суғд», нишон медиҳанд, ки низоми имтиёзнок метавонад дар ташаккули иқтидорҳои нави истеҳсолӣ нақши назаррас дошта бошад. Кам гардидани хароҷоти вобаста ба воридоти таҷҳизот ва захираҳои истеҳсолӣ ба субъектҳои минтақаҳо имконият медиҳад, ки технологияҳои муосирро истифода намуда, самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшавандаро баланд бардоранд. Дар баробари таъсир ба истеҳсолоти дохилӣ, имтиёзҳои гумрукӣ барои тавсеаи фаъолияти содиротии субъектҳои МОИ низ аҳаммияти муҳим доранд.[2-М, 10-М, 12-М].

7. Таъмини имтиёзҳои гумрукӣ ва дастгирии воридот ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки ашёи хом ва таҷҳизоти заруриро дастрас намоянд, хароҷоти транзаксионӣ ва амалиётиро коҳиш диҳанд, ки ин ба баланд шудани самаранокии истеҳсолот ва густариши фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мусбат мерасонад. Сиёсати пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар дурнамои миёнамуддат ва дарозмуддат таъсири устувор нишон дода, рушди соҳибкориро ҳатто дар шароити афзоиши ҳаҷмҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дастгирӣ менамояд. Ин ҳолат аҳаммияти стратегии имтиёзҳоро ҳамчун абзори ташаккули иқтисоди устувор тасдиқ мекунад [3-М, 7-М, 9-М].

8. Асоснок карда шуд, ки самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бевосита аз дараҷаи ҳамгироии онҳо ба низоми танзими стратегии давлатии иқтисод вобаста мебошад. Ҳамзамон собит гардид, ки гузариш ба модели селективӣ ва ҳадафноки пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, ки ба соҳаҳои афзалиятнок бо арзиши иловагии баланд равона шудааст, ба афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна, густариши иқтидори содиротӣ ва фаъол гардидани равандҳои сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Самаранокии имтиёзҳо аз муҳити институтсионалӣ, дастрасии захираҳои молиявӣ ва моддӣ, иқтидори технологияи корхонаҳо ва танзими қонунгузорӣ вобаста мебошад [1-М, 7-М].

Б. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Таҳлил нишон дод, ки пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ таъсири мусбати устувор мерасонад. Таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ тасдиқ намуд, ки афзоиши содирот муҳимтарин омили пешбарандаи зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад (β3 = 6–7 ба ҳар як миллион доллар). Ин далели мавҷудияти робитаи мустақим миёни сиёсати ҳавасмандгардонии давлат, самтгирии содиротии корхонаҳо ва густариши фаъолияти соҳибкории онҳо мебошад.

2. Натиҷаҳои таҳлили регрессионӣ нишон доданд, ки содирот омили аз ҳама муҳимми афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Ҳангоми зиёд шудани ҳаҷми содирот ба андозаи 1% шумораи соҳибкорон 3,6% меафзояд, ки аҳаммияти стратегии сиёсати содиротомезро барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ тасдиқ менамояд. Таҳлили эмпирикӣ нишон дод, ки имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

рушди соҳибкорӣ таъсири мусбат мерасонанд, пеш аз ҳама тавассути ҳавасмандгардонии содирот. Коҳиш додан ё сабук намудани боҷҳои гумрукӣ метавонад ба беҳтар гардидани мавқеи рақобатии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат намояд. Паст шудани хароҷоти вобаста ба воридоти ашёи хом, таҷҳизот ва дигар захираҳои истеҳсолӣ ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки арзиши истеҳсолотро коҳиш дода, сифати маҳсулот ва самаранокии фаъолияти худро баланд бардоранд. Дар натиҷа, фароҳам омадани чунин шароити иқтисодӣ метавонад ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ ва зиёд шудани шумораи субъектҳои фаъоли хоҷагидорӣ мусоидат кунад. Ҳаҷми воридот ва андозаи боҷҳои гумрукӣ ба афзоиши шумораи соҳибкорон таъсири нисбатан камтар мерасонанд, ки ин бо мултиколлинеарии маълумот ва нақши ҳукмрони ҷараёнҳои содиротӣ дар ташаккули муҳити соҳибкорӣ шарҳ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, коҳиш додани монеаҳои гумрукӣ ба харидории самараноки ашёи хом ва таҷҳизот мусоидат намуда, ба таври ғайримустақим рушди пойгоҳи истеҳсолиро дастгирӣ мекунад.

3. Зарур аст мониторинги доимии таъсири имтиёзҳо ба шумора ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ бо истифода аз усулҳои оморӣ, таҳлили регресссионӣ ва тадқиқоти коррелятсионӣ анҷом дода шавад. Ин ба ислоҳи саривақтии чораҳои дастгирӣ, баланд бардоштани самаранокии онҳо ва мутобиқсозӣ ба динамикаи иқтисодиёт мусоидат менамояд. Тавсия мешавад, ки имтиёзҳо ба бахшҳои стратегии иқтисодиёт - маҷмааи агросаноатӣ, технологияҳои баланд, истеҳсолоти тиббӣ ва фармасевтӣ равона карда шаванд. Ин ба даст овардани таъсири баланди мултипликативӣ дар иқтисоди кишварро таъмин намуда, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ мусоидат мекунад. Бо дарназардошти аҳаммияти содирот барои рушди соҳибкорӣ, тавсия дода мешавад доираи имтиёзҳо барои ширкатҳои ба содирот нигаронидашударо васеъ намоянд, аз ҷумла тавассути сабук гардонидани дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, субсидиякунонии хароҷоти логистикӣ ва расонидани дастгирии техникӣ ҳангоми баромадан ба бозорҳои нав. Ҳамчунин зарур аст таҳлили мунтазами самаранокии гурӯҳҳои амалкунандаи имтиёзҳо гузаронида шуда, самтҳои афзалиятнок - навсозии технологӣ, самти содиротӣ ва дастгирии маҷмааи агросаноатӣ - ҷудо карда шаванд. Баррасии имконияти дифференсиатсияи меъёрҳои имтиёзҳо вобаста ба соҳа ва андозаи корхона бо мақсади ҳадди аксар расонидани таъсири ҳавасмандгардонӣ мувофиқ дониста мешавад.

4. Зарур аст пешниҳоди имтиёзҳо дар самтҳои калидии иқтисодиёт - саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ ва инфрасохтор идома дода шавад, зеро ин самтҳо таъсири дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ ва устувории иқтисоди миллиро таъмин менамоянд. Инчунин ҷорӣ намудани системаҳои муосири рақамии маъмурияти имтиёзҳои гумрукӣ зарур мебошад, ки шаффофияти расмиёт, коҳиши хавфҳои коррупсионӣ, суръатбахшии тартибот ва паст гардидани бори маъмуриро барои соҳибкорон таъмин мекунад.

5. Барои корхонаҳои навтаъсис ҷорӣ намудани низоми марҳилавии пешниҳоди имтиёзҳо тавсия дода мешавад, ки дар он додани имтиёзҳо ба ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои мушаххаси истеҳсолӣ ва молиявӣ вобаста бошад. Ин тадбир самаранокии имтиёзҳоро баланд бардошта, ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддатро ҳавасманд менамояд. Имтиёзҳои гумрукӣ бояд бо барномаҳои саноатикунонӣ, стратегияҳои рушди иқтидори содиротӣ ва ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳамгиро гарданд, ки ин ба ҳавасмандгардонии маҷмуии рушди иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин зарур аст, ки имтиёзҳои гумрукӣ бо барномаҳои давлатии дастгирии сармоягузорӣ ва инноватсия робитаи зич дошта бошанд. Пешниҳод мегардад, ки маҷмӯи тадбирҳо оид ба пешниҳоди ҳамгирои имтиёзҳо барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва тавсеаи иқтидори содиротӣ таҳия карда шавад.

6. Стратегияи пешниҳодшудаи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи механизми имтиёзҳои гумрукӣ то соли 2030 ба такмили тадриҷии сиёсати гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ равона карда мешавад. Амалӣ намудани стратегия дар марҳилаҳои пайдарпай, дар баробари ташкили низоми мунтазами мониторинг ва арзёбии натиҷабахшии имтиёзҳо, имкон медиҳад, ки ҳадафҳои ҳавасмандгардонӣ ва фискалии сиёсати гумрукӣ бо ҳам мутобиқ карда шаванд. Ин равиш метавонад барои зиёд намудани саҳми сиёсати гумрукӣ дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар замина фароҳам оварад. Натиҷаҳои ҳисобҳои пешгӯишаванда нишон медиҳанд, ки истифодаи мақсаднок ва самараноки имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи иқтидори истеҳсолӣ ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои савдои хориҷӣ мусоидат намояд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ДАР АВТОРЕФЕРАТ ИСТИФОДАШУДА

[1]. Асорзода А.С., Валиев Н.Ш. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ: таҳлили ҳолат, мушкилот ва роҳҳои такмили муҳити он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Экономика и туризм: тенденции и перспективы. – 2026. – № 1(9). – С. 6–23.

[2]. Ашурзода Ш. М. Вазъ ва тамоюлоти имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили механизмҳои молиявию иқтисодии он / Ш. М. Ашурзода, Ф. М. Саидзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Vol. 2, №1(46). – С. 115-122.

[3]. Беляев М. И. Мировая экономика. - М.: Проспект, 2009. - 307 с.

[4]. Валиев Н.Ш. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (дар мисоли савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон): дисс. ... номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05. – Душанбе, 2021. – 205 с.

[5].Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2020, №1670 (бо тағйиру иловаҳо). – Душанбе: Нашри расмӣ, 2025. – 412 с.

[6].Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё. 2017. - С. 1355 - URL: http://docs.eaeunion.org /docs/

[7].Комиссаров Н.А. Таможенные льготы в системе таможенного регулировании. – М.: Юрист, 2012. – С. 45.

[8]. Кучеров И.И. Теория налогов и сборов (правовые аспекты): монография. – М.: ЮрИнфоР, 2009. – 473 с.
[9]. Л. Вулф, Х. Б. Сокол. Руководство по модернизации таможенной службы / пер. с англ. – М.: Весь Мир, 2007. – 328 с.
[10]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 429 с.
[11].Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://www.president.tj (санаи мурочиат: 28.04.2026).
[12].Раҳмонов Д.Р. Ҷанбаҳои институтсионалии иқтидори содиротии Комплекси агросаноатии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – № 4-2(49). – С. 112–119.
[13].Стрелсов И.А. Правовое регулирование таможенных льгот в Российской Федерации: дисс. ... канд. юрид. наук. – М.: РУДН, 2014. – 204 с.
[14]Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест – 2025» // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://www.president.tj (санаи мурочиат: 28.04.2026).
[15].Тарасов И.Т. Таможенные платежи и льготы: правовые аспекты. – СПб.: Питер, 2013. – 78 с.
[16].Турсунов Х.М., Соҳибова Ш.Б. Таҳлили вазъи самарабахшии татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди иқтисодӣ: Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. – Душанбе, 2024. – С. 495–502.
[17]. Халипов С.В. Таможенное право: учебник. – 8-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2023. – 249 с.
[18].Ҳисоботҳои омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://gumruk.tj/index.php
[19].Ҷураев Ш.Н. Имтиёзҳои гумрукӣ яке аз омилҳои муҳим дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Менеҷменти инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ». – Душанбе, 2025. – С. 191–197.
[20].Шутова В. Метрологическое обеспечение таможенной экспертизы. – М.: LAP Lambert Academic Publishing, 2021. – 100 с.
[21].Jackson, J. H. World Trading System: Law and Policy of International Economic Relations. - 2nd ed. - Cambridge, Mass.: MIT Press, 1997.
[22].Morgan W., Katz M. L., Rosen H. S. Microeconomics. - McGraw-Hill Education, 2006. - 722 p.
[23].Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии амалкунанда, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – 84 с.
[24].Маҷмуаи омории фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 98.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Ҷураев Ш.Н. Оценка современного состояния таможенного тарифа в Республике Таджикистан (в использовании таможенных пошлин) / П.Ф. Нидоев, Ш.Н. Ҷураев, [Текст] // Вестник Таджикского национального университета, серия социально-экономических и общественных наук (часть 1). Душанбе – 2012 - №2/8 (100). – С. 51 – 60.

[2-М]. Ҷураев Ш.Н. Влияние тарифных ставок таможенных платежей на совершенствовании экспортно-импортных операций в Республике Таджикистан Ш.Н. Ҷураев, П.Ф. Нидоев [Текст] // Вестник Таджикского национального университета, серия социально-экономических и общественных наук №2/2 (107), 2013г. 0,8 п.л. – С. 89 - 95.

[3-М]. Ҷураев Ш.Н. Таҷрибаи хориҷии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ. [Матн] // Ш.Н. Ҷураев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №4.2.(43). – С. 414- 424. – ISSN 2663-0389

[4-М].Асрорзода У.С., Ҷураев Ш.Н. Мукаммалгардонии механизми иқтисодӣ-ташкилии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] // Паёми ДДТТ, маҷаллаи илмӣ №3(58) 2025, С. 30-37

[5-М].Асрорзода У.С., Ҷураев Ш.Н. Таҳлили самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Иқтисодиёти Тоҷикистон №1, 2026, С.-455-467

[6-М]. Валиев Н.Ш., Ҷураев Ш.Н. Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, Ш.Н. Ҷураев // Паёми ДДТТ, маҷаллаи илмӣ №2(62) 2026. - С. 91-104.

[7-М]. Валиев Н., Ҷураев Ш.Н. Зарурати таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, Ш.Н. Ҷураев // Паёми ДДТТ, маҷаллаи илмӣ №3(63) 2026. - С. 77-92.

Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаи маводи конференсияҳо

[8-М].Ҷураев Ш.Н. Такмили танзимкунии давлатии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] // Маҷмуаи маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Моделҳои инноватсионии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир”, 14-уми октябри соли 2026”. Душанбе: ДБССТ, 2026. – С. 236 - 241.

[9-М].Ҷураев Ш.Н. Имтиёзҳои гумрукӣ яке аз омилҳои муҳим дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Маҷмуаи маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Менеҷменти инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ”, 25-уми октябри соли 2025. Душанбе: 2025. – С. 240-245.

[10-М].Ҷураев Ш.Н. Таснифоти имтиёзҳои гумрукӣ ва нақши онҳо дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ// Маҷмуаи маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Рушди хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ”, 15-уми ноябри соли 2024. ДБССТ, Душанбе: 2024. – С. 127-131.

[11-М].Ҷураев Ш.Н. Эффективность реформирования таможенной системы Республики Таджикистан для вхождения в Таможенный Союз. // Муаммоҳои татбиқи технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт. («Маводҳои конфронсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ»-и Донишкадаи сохибкорӣ ва хизмат, ДМИТ, Душанбе, 29 марти 2014с.

[12-М]. Ҷураев Ш.Н. Таможенный тариф как инструмент государственного регулирования ВЭД РТ в экономике переходного периода // Конфронси илмӣ-назариявӣ оид ба «Масоили рушди устувори иқтисодӣ». ДМИТ Душанбе, 2015. - С.115-124.

[13-М]. Ҷураев Ш.Н. Развитие таможенной системы Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики. // Вестник финансо-экономического института Таджикистана, №2, Душанбе, 2014. - С.126-136.

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

УДК: 339.543 (575.3)
ББК: 65.304.15
Ш.87

На правах рукописи



ДЖУРАЕВ ШОХРУХ НЕЪМАТОВИЧ

ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ МЕХАНИЗМ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ТАМОЖЕННЫХ ЛЬГОТ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

АВТОРЕФЕРАТ

на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 5.2. – Экономические науки (5.2.13 – Экономика предпринимательства)

Душанбе -2026

Диссертация выполнена на кафедре таможенной деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

Научный руководитель	**Валиев Низомиддин Шаробудинович**, кандидат экономических наук, доцент, начальник департамента стратегического развития и управления качеством Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
Официальные оппоненты	**Досиев Маҳмадшох Назарович** - доктор экономических наук, профессор кафедры управления государственными финансами и цифровой экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
	Саидзода Курбонали Саид - доктор PhD, доцент кафедры экономики предприятия и предпринимательства Куляб-ского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки
Ведущая организация	**Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава**

Защита диссертации состоится 15 декабря 2026 года в 10:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA-063 при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана.

Адрес: 734065, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Электронная почта: info@iutet.tj.

Телефон ученого секретаря: (+992) 907755655

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана и на его официальном сайте (https:\\www.iutet.tj)

Автореферат разослан «____» _____ 2026 года.

Учёный секретарь диссертационного совета, кандидат экономических наук, доцент **Исмоилов А.А.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. В современной миравой экономике колебания происходят на более низкой стадии, увеличивая взаимозависимость между странами и развивая международную конкуренцию, и в то же время все большее значение приобретает государственная политика в направлении развития предпринимательства. Обеспечение устойчивости национальной экономики невозможно без использования эффективных средств государственной поддержки различных отраслей промышленности. Поэтому одним из важнейших механизмов воздействия в сфере предпринимательства являются таможенные льготы, способствующие снижению издержек экономической деятельности. В то же время в республике увеличивается объем экспорта, поток инвестиций в реальные отрасли экономики, в результате чего совершенствуется материально-техническая база производства. Следует отметить, что экономика Республики Таджикистан в процессе становления характеризуется широкими возможностями для развития предпринимательства, таможенные льготы являются одним из усовершенствованых инструментов государственного регулирования, которые приобретают особое значение, поскольку они способствуют стимулированию экономической деятельности и привлечению инвестиций.

Как отмечено в Послании Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона «...отечественные предприниматели вносят значительный вклад в процесс ускоренной индустриализации страны, создания производственных предприятий, социальных объектов и новых рабочих мест, и Правительство страны обязано принять дополнительные меры для улучшения инвестиционного и предпринимательского климата, обеспечения соблюдения гарантий и льгот, государственной поддержки предпринимателей и развития инвестиционной инфраструктуры»[11], эта позиция усиливает необходимость дальнейшего совершенствования таможенной политики и эффективного использования таможенных льгот как важного инструмента экономического развития. Также в Послании Президента страны подчеркивается необходимость дальнейшего совершенствования инвестиционной и предпринимательской инфраструктуры как ключевого средства достижения прогрессивных экономических результатов. В нынешних условиях повышение эффективности механизма таможенных льгот и его адаптация к внутренним и внешним экономическим факторам, его интеграция с другими средствами государственной поддержки предпринимательства в научно-практическом плане усиливают актуальность данной темы [11].

В практике Республики Таджикистан предоставление таможенных льгот направлено на создание условий для снижения барьеров при осуществлении внешнеэкономической деятельности, стимулирование развития экспортно-ориентированного производства, облегчение доступа к современным

технологиям и оборудованию. Таким образом, актуальность исследования обусловлена не только стратегическими задачами экономического развития Республики Таджикистан, но и необходимостью объективного научного обоснования механизмов совершенствования таможенных льгот в интересах устойчивого развития предпринимательства.

Степень разработанности научной темы. Таможенные льготы представляют собой важный аспект внешнеэкономической деятельности и могут оказать существенное влияние на экономику страны. Исследованы труды по организации и управлению таможенной политикой ученых-экономистов классиков: Друкера П.В., Смита А., Хизрича Р., Самуэльсона П., Шумпетера Й. других. Отдельные аспекты формирования и развития таможенных режимов и их использования в ведении предпринимательской деятельности в научных работах отечественных ученых, таких как: Абдукодирзода Дж.К., Азамат А., Алиев М. Б., Ганиев Т.Б., Гаюрова Р.С., Каримова М.Т., Хикматов С.И., Нидоев Н.Ф., Нидоев П.Ф., Рахматзода Р., Раджабов Р.К., Саидмуродов Л.Х., Самиев Ф.Б., Ходжаев П.Д., Джаборов А.И., Шахназар Х.Д. и другие. Наряду с этим были исследованы и изучены некоторые вопросы защиты отечественных предпринимателей в условиях свободной торговли посредством применения мер стимулирования производства и предоставления таможенных и налоговых льгот в работах отечественных ученых: Асрорзода У.С., Валиев Н.Ш., Кодирзода Д.Б., Сафоев А.К., Тукеров Х.Н., Джумаев Б.М., Шаропов Ф.Р. Теорию и практику эффективности применения таможенных льгот в развитии предпринимательской деятельности исследовали ученые России и стран СНГ, такие как: Агамагомедова С.А., Андрейчук Е.Л., Артемев А.А., Артемьев А.А., Барамзин С.В., Беляев М.Г., Блинов Н.М., Гончаренко Л.И., Гречкина О.В., Завьялова Е.Д., Комиссаров Н.А., Макрусев В.В., Мигель А.А., Орлова Е.Н., Синенко О.А., Стрельцов И.А., Тарасов И.Т., Халипов С.В. и другие.

Исходя из вышесказанного, несмотря на значительный вклад зарубежных и отечественных исследователей в изучение механизмов государственной поддержки предпринимательства и таможенных инструментов, всестороннее и систематическое научное понимание таможенных льгот и их роли в развитии предпринимательской деятельности именно в условиях Республики Таджикистан до сих пор недостаточно развито и нуждается в глубоких и точных научных исследованиях.

Связь исследования с программами (проектами) или научными темами. Исследование тесно связано с национальными стратегическими и нормативно-правовыми документами Республики Таджикистан, определяющими направления государственной экономической политики, поддержки предпринимательства, формирования благоприятного инвестиционного климата и совершенствования регулирования внешнеэкономической деятельности, включая применение таможенных льгот. Во-первых, в качестве основы стратегического направления

социально-экономического развития страны принята Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, определяющая приоритеты государственной политики в направлении улучшения инвестиционной и предпринимательской среды, привлечения инвестиций и модернизации экономики. Наряду с этим, тема исследования соответствует реализации ряда важных программных актов в сфере предпринимательства, в том числе Закона Республики Таджикистан «Об инвестициях», Государственной программы развития экспорта Республики Таджикистан на 2021-2025 годы (постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 апреля 2021 года, № 169), а также Программы государственной поддержки и развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан на 2023-2027 годы (постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2023 года, № 50).

